**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Аз таърих ба мо маълум аст, ки ба кӯдак ва вазъи ҳуқуқии ӯ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, масъала пайваста таҳти омӯзишу таҳлил қарор дошт. Бо густариши муносибатҳои ҷамъиятӣ иштироки кӯдак дар муомилот васеъ гардида, мувофиқан проблемаҳои нав ба нав ба вуҷуд омаданд, ки ҳалли ҳуқуқии онҳо дар сатҳи назариявӣ ва қонунгузорӣ зарурати замон мебошад. Новобаста ба таҳқиқоти мавҷуда, рушди қонунгузорӣ дар ин самт, аз ҷумла баъд аз қабули Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ва мувофиқан рушд намудани қонунгузории миллии давлатҳо дар ҷодаи вазъи ҳуқуқи кӯдак то ҳанӯз арзёбии дақиқи мақоми иштироки кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, махсусан муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ, ҷой надорад. То ҳол баҳсҳо атрофи қобилияти субъект будани кӯдак идома дошта, баъд аз инкишофи институти масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар Тоҷикистон проблема мубрамтар гардид. Зеро, тавре диссертант низ қайд намудааст (с.11, 15 ва ғайра), вазъи ҳуқуқии кӯдак аз сарҳади ҳуқуқу ухдадориҳои падару модар нисбат ба фарзандон вобастагии объективӣ дорад.

Гузашта аз он, бинобар набудани муносибати комплексӣ нисбат ба масъала "парокандагӣ"-и вазъи ҳуқуқи кӯдак дар соҳаҳои алоҳида низ ба мушоҳида расида, ин боиси хатари рушди бенизоми минбаъдаи қонугузорӣ мегардад. Аз ин рӯ, бояд масъала дар ҳамбастагӣ мавриди

баррасӣ қарор гирифта, ба он баҳои мукаммали илмию назариявӣ дода шавад.

Бо фикри муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки "муомилоти муосири гражданӣ низ талаб менамояд, ки нисбат ба вазъи ҳуқуқии кӯдак муносибати васеътар ба роҳ монда шавад" (с.3).

Гуфтаҳои боло шаҳодати мубрами вазъи ҳуқуқии кӯдак дар назария ва амалия буда, таҳқиқоти гузаронидашуда саривақтӣ мебошад.

Дар заминаи мубрамии масъала мақсади таҳқиқот муайян шудааст, ки он аз коркард ва асосноккунии асосҳои назариявӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, инчунин муайян намудани проблемаи илмӣ ва амалие, ки ҳангоми амалигардонӣ, ҳимоя ва ҳифзи онҳо пайдо мешаванд ва пешниҳоди тавсияҳо, ки барои такмил додани муқаррароти дахлдори қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва оилавии Тоҷикистон равона карда шудааст, иборат мебошад.

Бояд зикр намуд, ки ба туфайли дуруст муайян шудани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муаллиф ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардида, як қатор навгониҳоро дар назария ва амалия вобаста ба мавзӯъ пешкаш намудааст.

Воқеан ҳам, дар доираи рисолаи мазкур аввалин маротиба дар илми сивилистии ватанӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқҳои кӯдак дар масири таърих ва таносуби таҷрибаи андӯхта бо тафаккури миллии ҳуқуқӣ таҳлил мегарданд. Ғайр аз ин, таҳлили ҷиддии ҳуқуқии муқоисавии мафҳумҳои «кӯдак», «ноболиғ», «хурдсол» ва дигар мафҳумҳои ҳамҷавор дар консепсияи ҳуқуқҳои кӯдак гузаронида шудааст. То ҳол масъалаи мазкур бинобар зарурати танзим ва ё зарурати мавридӣ баррасӣ гардида, таҳлили ҳаматарафа ва аз лиҳози консептуалӣ ҷой надошт.

Аз ҷониби диссертант проблемаи вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ таҳқиқ гардида, масъалаи амалигардонии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқии хусусӣ таҳлил шуда, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак коркард гаштаанд. Дар натиҷаи чунин таҳлил проблемаи калони илмии муайян намудани вазъи

ҳуқуқии кӯдак дар низоми арзишҳои ҳуқуқии илми сивилистика ҳал карда шудааст, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҷанбаи дигари дастоварди муаллиф дар он аст, ки қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва оилавӣ дар иртибот бо коркардҳои назариявии аз ҷониби мутахассисони назарияи ҳуқуқ ва илмҳои соҳавӣ амалишуда таҳлил гардида, дар натиҷа фаҳмиши муаллифии «кӯдак»-ро дар ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ муайян карда шудааст. Ҳамзамон бо нишон додани ягонагии мафҳумҳои дар ин ҷода истифодашаванда ба вазъи ҳуқуқии гуногун ишора шуда, бо ҳамин хусусиятҳои ин зуҳуроти ҳуқуқӣ ошкор гардидааст.

Дар автореферат дигар дастовардҳоро низ нишон додан мумкин аст. Хусусан, таваҷҷуҳи моро бештар таклифҳои муаллиф дар ҷодаи такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намуд (с.17-25). Аз ҷумла:

- пешниҳод оид ба гурӯҳбандии субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ вобаста ба омили қобилияти амалкунӣ;

- таҳрири нави қисми 1 моддаи 24 КГ ҶТ, иловаи ҷумлаи дуюм ба қисми 1 моддаи 28 КГ ҶТ ва такмили Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», ки дар натиҷаи он механизми амалигардии институти ба соҳибкорӣ машғул шудани кӯдакон сода ва мушаххас шуда, меъёри қонунгузорӣ аҳамияти амалӣ пайдо мекунанд;

- дар КО ҶТ пешбинӣ намудани мафҳумҳои «қобилияти ҳуқуқдории оилавӣ» ва «қобилияти амалкунии оилавӣ»;

- мушаххас намудани ҳолатҳои имконияти ба миён омадани уҳдадории алиментдиҳии кӯдак ва дар ин замина такмил додани институти мазкур, ки на танҳо ба таҳкими масъулияти падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд равона шудааст, балки масъулияти кӯдакон низ баланд бардошта мешавад;

- такмили КО ҶТ бо роҳи пешбинӣ намудани боби алоҳида – муқаррароти умумӣ дар он ва ҷойгир намудани мафҳумҳои асосӣ, аз ҷумла мафҳуми «кӯдак»;

- таҳрири нави моддаи 80 КО ҶТ ва илова намудани моддаи нав – $80^1$ ба КО ҶТ;

- пешбинӣ намудани ҳуқуқи васиятгузории кӯдак ва такмили  КГ ҶТ вобаста ба он;

- ошкор гардидани қолабҳои гендерӣ дар сархати дуюми қисми 2 моддаи 90 КО ҶТ ва таклиф ҷиҳати такмили он;

- такмили боби 11 КО ҶТ вобаста ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолу мулкӣ ва ғайра.

Ҳолатҳои номбаршуда шаҳодати онанд, ки муаллиф проблемаро дар ченакҳои назариявию амалиявӣ – ҳаматарафа мавриди таҳқиқ қарор дода, масъалаҳои ҳалталабро дар ҳар дуи ин ченакҳо дарёфт карда, дар заминаи хулосаҳои илмӣ таклифҳои мушаххасро дар шакли меъёрҳои ҳуқуқӣ манзур намудааст.

Дар баробари ин дастовардҳои илмӣ дар кор баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар нуқтаи дахуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда (с.13) муаллиф ҳуқуқи кӯдакро ҳамчун зуҳуроти байнисоҳавӣ ва комплексӣ маънидод намудааст. Ин тасдиқоти муаллиф асосноккунии иловагиро тақозо дорад.

2. Таҳлилҳо ва ақидаҳои муаллиф вобаста ба қобилияти деликтии кӯдак (с.15 ва ғайра) яктарафа ва баҳснок буда, заминаи кофии назариявӣ надоранд.

3. Пешниҳоди муаллиф вобаста ба такмили қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 2 октябри соли 2003, №16 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста бо тарбияи фарзандон» (с.25) дар шакли умумӣ баён гардида, аз мазмуни автореферат мазмуну муҳтавои он нофаҳмо мебошад.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ ва мубоҳисавӣ буда, ба арзиши баланди илмии таҳқиқот ягон таъсир надоранд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, автореферати диссертатсияи Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» рисолаи илмии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтаанд. Ба андешаи мо, муаллифи диссертатсия - Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждонӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Ректори Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **А.Д. Ғафурзода**

Имзои А.Д. Ғафурзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф.Р. Суфиев

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯч. Саид Носир-33, тел.: 224-17-86,
E-mail: halil-77@mail.ru.